**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

735140, ш.Душанбе, к.Шевченко, 39,
*тел.: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94,*
*koa@vak.tj, www.vak.tj*

№ 04/785 аз «18» 10 соли 2024
Ба № _____ аз «___» ____________ соли 202_

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостномаи Донишгоҳро аз 15 октябри соли 2024, №27/1195 мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати баргузор гардидани ҳимояи диссертатсияи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14 – Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо дар санаи 18.11.2024, соати $14^{00}$ зид нест.

Ҳамзамон, Комиссия дастур медиҳад, ки ҳимоя бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа роҳандозӣ карда шавад.

Раис Давлатзода С.Х.

**Иқтибос**

аз суратҷаласаи № 24-1 ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-041 оид ба ҳимояи рисолаҳои илмӣ аз рӯйи дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14–физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо, назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

Аз «22» апрели с. 2024

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 15 нафар тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 11 аъзоёни шуро иштирок доштанд.

**Иштирок доштанд:** Сафаров М.М., д.и.т., профессор – раиси шурои диссертатсионӣ; Носиров Н., д.и.т., дотсент – муовини раис; Тагоев С.А., н.и.т., дотсент – котиби илмӣ; Абдуллаев С.Ф., д.и.ф.-м., профессор; Абдурахманов А.Я., д.и.т., дотсент; Алиев Ҷ.Н., н.и.т., дотсент; Гадоев С.А., н.и.т., дотсент; Зарифзода М.А., д.и.т., дотсент; Фазылов А.Р. д.и.т., дотсент; Сайдализода А.С., д.и.т., дотсент; Ҳасанов Н.М., д.и.т., дотсент.

**РӮЗНОМА**

Пешдифоъ ва ташкили комиссияи экспертӣ оид ба рисолаи илмии Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармигунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14–физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо.

**Раисикунанда:** Носиров Н. - доктори илмҳои техникӣ, дотсент – муовини раиси шурои диссертатсионӣ.

**Раисикунанда:** муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ! Аз 15 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доранд. Аз онҳо докторони илм – 8, аз ҷумла аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда 2 доктори илм ва 2 номзади илм мебошанд.

Рӯзномаи ҷаласа чунин аст: пешдифоъ ва ташкили комиссияи экспертӣ оид ба рисолаи илмии Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14–физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо.

Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Кӣ тарафдори чунин рӯзномаи ҷаласа мебошад, мавқеи худро муайян намоед:

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор – 11; муқобил нест; бетараф нест.

**Раисикунанда:** сухан ба Шарипов Сафарбой Муродалиевич барои баёни мазмуни асосии Диссертатсия дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат» дода мешавад.

**Шунида шуд:** маърузаи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14 – физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо.

**Раисикунанда:** мухтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мегузарем ба қисми додани саволҳо. Марҳамат, ки совол дорад?

**Саволҳо доданд**: Гадоев С.А., н.и.т., дотсент; Зарифзода М.А., д.и.т., дотсент; Алиев Ҷ.Н., дотсент; Абдуллоев С.Ф., д.и.ф.-м., профессор, Тағоев С.А., дотсенд, Носиров Н., д.и.т., дотсент.

**Раисикунанда:** дигар савоҳо нест? Нест. Сухан ба роҳбари илмӣ профессор Сафаров Маҳмадали Маҳмадиевич дода мешавад.

**Баромад намуд:** д.и.т. Сафаров М.М, ки оид ба унвонҷу ва кори илмӣ тавсифоти мухтасар дод.

**Раисикунанда:** ба қисми баромадҳо мегузарем. Ки мехоҳад баромад намояд?

**Баромад намуданд:** д.и.т., дотсент Зарифзода М.А., н.и.т., дотсент Тағоев С.А., н.и.т., дотсент Алиев Ҷ.Н., д.и.т., дотсент Фозылов А.Р.

**Раисикунанда:** мутобиқи банди 5 «Экспертизаи дисертатсия дар шурои диссертатсионӣ», дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тибқи додани дараҷаи илмӣ, тартиб додани унвонҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, шурои диссертатсионӣ бо мақсади экспертизаи дохилии диссертатсия, дар ҳайати на кам 3 узви шуро ё олимони маъруфи берун аз соҳа, ки мутахассиси самти илмии диссертатсия мебошанд, комиссияи илми таъсис диҳад.

Чи хел пешниҳод ҳаст?

**Гадоев С.А., н.и.т., дотсент:** пешниҳод менамоям, ки комиссияи эксперти дар ҳайати зерин таъсис дода шавад - д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х.,

н.и.т., дотсент Тағоев С.А.; н.и.т., дотсент Алиев Ҷ.Н. – аъзоёни комиссияи экспертӣ.

**Раисикунанда:** пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Ки тарафдори ченин пешниҳод мебошад, мавқеи хутро муайян намоед:

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 11; муқобил нест; бетараф нест.

**Қарор:**

1. Комиссияи экспертӣ оид ба дида баромадани рисолаи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии ғармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14– физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо дар ҳайати зери таъсис дода шавад: раиси комиссия доктори илмҳои техникӣ, дотсенд Назарзода Х.Х.; аъзоён – номзади илмҳои техникӣ, дотсент Алиев Ҷ.Н.; номзади илмҳои техникӣ, дотсент Тагоев С.А.
2. Комиссияи экспертӣ вазифадор карда мешавад, ки мутобиқи кори шурои диссертатсионӣ, мувофиқати рисола ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод-шудаи Шарипов С.М.-ро ба самти ихтисосҳои шурои диссертатсионӣ таҳлил намуда, хулосаи комиссияи экспертиро тайёр ва дар ҷаласаи оянда пешниҳод намоянд.

Муовини раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА – 041,
доктори илмҳои технкӣ, дотсент, Носиров Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА – 041,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Тағоев С.А.

*Имзоҳои д.и.т., дотсент* Носиров Н.*, н.и.т., дотсент Тағоев С.А.-ро* ***тасдиқ менамоям.***

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи акад. М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**ИҚТИБОС**

аз суратҷаласаи 24.2 ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 оид ба ҳимояи рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз 13 маи соли 2024. Оғози ҷаласа соати 14.00.

Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар тасдиқ карда шудааст, дар ҷаласа 10 нафар иштирок карданд.

**Иштирок доштанд:** д.и.т., профессор Сафаров М.М., раиси шурои диссертатсионӣ; д.и.т., дотсент Носиров Н., муовини раиси шурои диссертатсионӣ, н.и.т., дотсент Тагоев С.А., котиби илмӣ; д.и.т., дотсент Абдурахманов А.Я., н.и.т., дотсент Алиев Ҷ.Н.; н.и.т., дотсент Гадоев С.А.; д.и.т., дотсент Зарифзода М.А.; д.и.х., дотсент Назаров Ш. Б.; д.и.т., дотсент Фазылов А.Р.; д.и.т., дотсент Сайдализода А.С.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимоя қабул кардани рисолаи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 01.04.14 - физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**: д.и.т., профессор Сафаров М.М., ҷаласаро оғоз намуда, қайд намуд, ки ман роҳбари довталаб Шарипов С.М. мебошам, бинобарин ҳуқуқи бурдани ҷаласаро надорам. Пешниҳод менамоям, ки раискунандаи ҷаласа – муовини раис, д.и.т., дотсент Носиров Н. таъин карда шавад. Хоҳиш менамоям, ки мавқеи худро муайян намоед.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10, муқобил – нест, бетараф - нест.

**Раисикунанда:** д.и.т., дотсент Носиров Н., муовини раиси шурои диссертатсионӣ. Мутобиқи талаботи Низомнома оид ба ҳимояи рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм, бандҳои 57-60 қисми V тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267 тасдиқ шудааст, шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ҷаласаи худ, суратҷаласаи № 24.1 аз 22 апрели соли 2024 комиссияи экспертиро дар ҳайати зерин таъин кард: риси комиссия - д.и.т, дотсент Назарзода Х.Х., аъзоёни комиссия – н.и.т., дотсент Алиев Ҷ.Н. ва н.и.т., дотсент Тағоев С.А., барои баррасӣ ва экспертизаи диссертатсияи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзӯи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 01.04.14 - физикаи

ҳарорат ва назарияи техникаи гармо пешниҳод шудааст ва дар заминаи озмоишгоҳи кафедраи физикаи умумии ДДБ ба номи Н. Хусрав иҷро гардидааст.

**Баромад намуд**: н.и.т., дотсент Тағоев С.А., аъзои комиссияи экспертӣ, рисолаи довталаб Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзӯи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат» ба талаботе, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Комиссияи шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 иҷозат додани рисоларо барои ҳимоя зарур мешуморад. Диссертатсия дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат» ба талаботи ихтисоси 01.04.14 - физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо мувофиқат мекунад.

Аслияти диссертатсия 77% мебошад, ки ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**ҚАРОР**

1. Хулосаи комиссия оид ба мувофиқати рисолаи Раҳимов Суҳробҷон Тошмахматович дар мавзӯи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррочаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 01.04.14 - физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо пешниҳод шудааст, ба самти илмиии шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 ва мавзӯи пешниҳодшуда ба инобат гирифта шавад.

2. Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррочаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 01.04.14 - физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо пешниҳод шудааст, ба ҳимояи ошкоро қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- доктори илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи Россия ва Тоҷикистон (Славянӣ) – Бердиев Асадкул Эгамович (*ш. Душанбе*),
- номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарипов Аламшо Партоевич (*ш. Кӯлоб*).

4. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, кафедраи манбаҳои алтернативии энергия (ноҳияи Кушониён) таъин карда шавад.

5. Рӯзи ҳимоя 16 сентябри соли 2024 таъин карда шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳо ва шахсоне, ки ба онҳо автореферат фиристода мешавад, тасдиқ карда шаванд.

7. Ба довталаб иҷозат дода шавад, ки автореферат ва рисоларо нашр намояд.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ:** тарафдор - 10, зид - нест, бетараф - нест.

Муовин раиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-041,
доктори илмҳои техникӣ, дотсент Носиров Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D. КОА-041,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Тағоев С. А.

Имзои д.и.т., дотсент Носиров Н. ва н.и.т., дотсент Тагоев С.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ Кодирзода Н.Х.

**Суратҷаласаи № 24.3**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 оид ба ҳимояи рисолаҳои илмӣ аз рӯи дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисос, номзади илм дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ.

аз «16» сентябри с. 2024 ш. Душанбе

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 15 нафар тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 10 нафар аъзоёни шуро иштирок доштанд.

**Иштирок доштанд**:

| № | Фамилия, ном ва номи падар | Дараҷа ва унвони илмӣ | Рамзи ихтисос дар шуро |
|---|---|---|---|
| 1. | Сафаров Маҳмадали Маҳмадиевич *(раиси шурои диссертатсионӣ)* | д.и.т., профессор | 01.04.14 |
| 2. | Носиров Наби *(муовини раиси шуро)* | д.и.т., дотсент | 05.26.01 |
| 3. | Тағоев Сафовидин Асоевич *(котиби илмии шуро)* | н.и.т., дотсент | 01.04.14 |
| 4. | Абдуллаев Сабур Фузайлович | д.и.ф.-м., профессор | 03.02.08 |
| 5. | Абдурахманов Абдукарим Якубович | д.и.т., дотсент | 05.26.01 |
| 6. | Алиев Ҷамшед Насриддинович | н.и.т., дотсент | 01.04.14 |
| 7. | Гадоев Сафаралӣ Айниддинович | н.и.т., дотсент | 03.02.08 |
| 8. | Зарифзода Моҳира Абдусалом | д.и.т., дотсент | 01.04.14 |
| 9. | Саломзода Раҳмиддин Салом | н.и.т., дотсент | 03.02.08 |
| 10. | Сайдализода Абдурауф Сайдали | д.и.т., дотсент | 05.26.01 |

**<u>РӮЗНОМА:</u>**

Ҳимояи ошкорои дтссертатсияи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 01.04.14 - «Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо».

**Раисикунанда** – муовини раиси шурои диссертатсионӣ Носиров Н.

Салом, ҳозирини гиромӣ, ҷаласи шурои диссертатсионии 6D. КОА – 041-ро оғоз менамоем, ки дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ кушода шудааст. Барои самаранок бурдани кори шурои диссертатсионӣ аз аъзоёни шурои диссертатсионӣ хоҳиш карда мешавад, ки дар варақаи сабти ҳузури аъзоён худро қайд намоянд, марҳамат!

Дар асоси варақаи сабти ҳозиршавии аъзоёни шурои диссертатсионӣ, дар ҷаласаи имрӯза 10 нафар аз 15 аъзоёни тасдиқшуда иштирок доранд. Мутобиқи банди 42, замимаи 1, қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 ва тағйиру иловаҳо аз 26 июни 2023, №295, дар ҷаласаи имрӯзаи шурои диссертатсионӣ бояд 3/2 ҳиссаи аъзоён иштирок дошта бошанд. Кворуми умумӣ ҳаст. Аз онҳо, аз рӯи ихтисоси 01.04.14 - физикаи ҳарорат ва назарияи

техникаи гармо - доктори илм - 2 нафар; номзади илм – 2 нафар, кворуми хурд нест. Пешниҳод менамоям, ки ҷаласа ба санаи дигар 18.11.2024, соати 14.00 гузаронида шавад.

**ҚАРОР:**

Ҳимояи диссертатсияи Шарипов Сафарбой Муродалиевич дар мавзуи «Таъсири нанозаррачаҳо (дуда, нанонайчаҳои карбонӣ) ба тағйирёбии гармигузаронӣ ва гармиғунҷоиши метилбутилкетон дар фазаи гузариш ва параметрҳои гуногуни ҳолат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 01.04.14 – «Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо», бо сабаби набудани кворум ба санаи 18.11.2024. соати 14.00 гузаронида шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10; муқобил - нест; бетараф – нест.

Муовин раиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-041,
доктори илмҳои техникӣ, дотсент Носиров Н.

Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D. КОА-041,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Тағоев С. А.

Имзои д.и.т., дотсент Носиров Н. ва н.и.т., дотсент Тагоев С.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори ШК ва КМ ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ Кодирзода Н.Х.